«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” доктори илмҳои таърих, профессор Усмонзода А.И.

«___» __________ 2022

Тақризи

**кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба сифати муасисаи пешбари тақриздиҳанда ба диссертатсияи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич дар мавзӯи “«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Руи Гонсалес Де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09–Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.**

Бо қарори Шӯрои дисертатсионии 6D. КОА-035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда муқарар гардида, диссертатсияи Ҷонмуродов Ш.М. барои тақриз ба кафедра ирсол гардид. Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи донишгоҳи мазкур мавриди муҳокима қарор гирифт.

**Дар муҳокимаи рисолаи диссертатсионӣ шахсони зерин иштирок намуданд:** Маҳмудова Н.С., номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедра, Давлатов М., доктори илмҳои таърих, профессор, Набизода В.М., доктори илмҳои таърих, профессор, Турсунов Н.О., доктори илмҳои таърих, профессор, Раҳимов Н.Т., доктори илмҳои таърих, профессор, Мамадалиев И.А., доктори илмҳои таърих, профессор, Каримзода О., доктори илмҳои таърих, профессор,

Аюбов А., доктори илмҳои таърих, Исомитдинов Ҷ., номзади илмҳои таърих, дотсент, Шарипов Ш., номзади илмҳои таърих, дотсент, Турсунов Б., номзади илмҳои таърих, дотсент, Фармонова Д., номзади илмҳои таърих, дотсент, Икромов Н., номзади илмҳои таърих, дотсент, Абдукаримов Ҷ., номзади илмҳои таърих, дотсент, Ғафурова Г., номзади илмҳои таърих, дотсент, Шарипов М., номзади илмҳои таърих, муаллими калон, Дадоҷонова М., Абдуллоева З., Маҳкамов С., - муаллимони калон, Усмонов М., Муҳаммадизода М., Халифаев М., Ҷӯраева М., Зокирова З., Пӯлотова А., Воҳидова Г., Бобоҷонова Д., Саидов Б., муаллимони кафедра, Ҷонмуродов Ш., унвонҷӯ, муаллифи диссертатсия, Маҳмудова Г., коргузори кафедра.

Муассисаи пешбари тақриздиҳанда дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби д.и.т., профессор Давлатов, н.и.т., дотсентон Шарипов Ш., Маҳмудова Н., таҳия ва омода гардид, қайд менамояд, ки рисолаи Ҷонмуродов Ш.М. ба мавзӯи хеле муҳим ва камтаҳқиқшуда бахшида шуда, дар он масъалаи омӯзиши асари Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст ва ба ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пурра мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот**. Сафарномаҳои сайёҳони аврупоӣ дар таҳқиқу омӯзиши даврахои муайяни таърихи халқи тоҷик нақши муҳим дошта, барои равшан намудани бисёр паҳлӯҳои номаълум ва баҳсталаби он нақши муҳим ва арзишманд доранд. Аз ҷумла дар асари Руи Гонсалес де Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» доир ба таърихи ин давра маълумотҳои нодир ва ҷолиб оварда шудаанд, ки онҳо дар маъхазҳои хаттии дигар вуҷуд надоранд.

Клавихо ҳангоми сафари худ ба шаҳрҳои мухталиф ба таъриху фарҳанг ва иқтисоду маишати мардуми Шарқи Наздику Эрон ва Хуросону Мовароуннаҳр таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ахбори нодиру ҷолиб овардааст. Мубрам будани мавзӯъ, арзиш ва аҳамияти илмии он пеш аз ҳама, дар он

зоҳир мешавад, ки иттилооти дар асар ҷойдошта аз мушоҳидаҳоии шахсии муаллиф фароҳам оварда шудаанд.

Мубрамияти мавзӯъ боз дар он дида мешавад, ки то ба ҳол дар таърихнигории Тоҷикистон ва кишварҳои дигар ин асар мавриди таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷониба қарор нагирифтааст.

**Мақсад, вазифа ва ҳадафи таҳқиқот**. Муаллифи рисола мақсад, вазифа ва ҳадафи таҳқиқоти худро ба таври равшану возеҳ муайян ва мушаххас намуда, онро дар ҷараёни пажӯҳиш ба таври пайванди мантиқӣ, хронологӣ ва маҷмуӣ анҷом додааст. Метавон чанд нуқтаҳои муҳими онро номбар намуд:

- таҳлил ва мавриди баррасӣ қарор додани зиндагиномаи Клавихо дар асоси маводи рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ва дигар асарҳои таърихӣ ва илмӣ;

- муайян намудани сохтор, мазмун ва муҳтавои бобҳои рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»;

- дарёфти маводҳои нави таърихии иртиботдошта ба таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва оғози асри XV аз рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»;

- дар асоси баррасиҳои татбиқӣ, муқоисавӣ муайян кардани дараҷаи дурустӣ, эътимоднокӣ ва саҳеҳии маводҳои таърихии рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» бо дигар манобеи таърихии ҳамзамони ин рисола;

- ниҳоят, яке аз ҳадафҳои муҳими рисолаи тақризшаванда ин ба гардиши илмӣ, таваҷуҳи доираҳои илмӣ ва ҷомеъа ворид сохтани маводҳои нави таърихии рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406».

Мақсад, вазифа ва ҳадафи асосии таҳқиқот ва ҳаллу фасли он аз ҷониби муаллифи рисола комилан дуруст муайян, мушаххас ва ба анҷом расонида шудааст.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро** рисолаи арзишманди сайёҳи испанӣ Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» мебошад, ки маводҳои он ба унвони ахбори таърихии пурарзиш ва боэътимод дар баррасии масоили ҷуғрофиёӣ ва ҳаводиси сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба доираи илмӣ кашида шудаанд.

**Предмети таҳқиқот** ин таҳқиқу баррасӣ, таҳлил ва арзёбии иттилооти таърихӣ ва далелҳои мавҷуда дар рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» - и Руи Гонсалес ва муқоисаи онҳо бо ахбори дигар сарчашмаҳои таърихии ин давр мебошад.

**Замина ва пояи сарчашмавии таҳқиқот.** Ҳангоми таҳқиқи асари Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» барои муайян намудани эътимоднокӣ ва саҳеҳияти ахбори таърихӣ ва ҷуғрофиёии он маъхазҳои муътабари асримиёнагӣ аз қабили «Аҳсану-т-тақосим фи маърифати-л-ақолим»-и ал-Муқаддасӣ (946-1000), «Осору-л-билод ва ахбору-л-ибод»-и Закариёи Қазвинӣ (1203-1283), «Таърихи Ҷаҳонкушой»-и Атомалики Ҷувайнӣ (1226 – 1283), “Сафарнома”-и Ибни Баттута (1304-1377), «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ (1388–1450), «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ (ҳудуди соли 790 ҳ.қ.-858 ҳ.қ. /1388-1454), «Равсату-с-сафо фи сират-ил-анбиё ва-л-мулук- ва-л-хулафо»-и Мирхонд (1433-1498), «Ҳабибу-с-сияр» -и Хондамир (1475-ҳудуди соли 1535), “Бобурнома”-и Заҳируддин Муҳаммади Бобур (1483 - 1530), “Сафарномаҳои сайёҳони Византия дар Эрон” ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Заминаҳои методологии таҳқиқотро** методҳои проблемавӣ-хронологӣ, таърихӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ, интиқодӣ, ретроспективӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ташкил медиҳанд.

**Навигариҳои илмии диссертатсияи** тақризшаванда дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф дар асоси маводи рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ва дигар асарҳои таърихӣ ва илмӣ зиндагиномаи Клавихоро мавриди баррасӣ қарор дода,

сохтор ва муҳтавои бобҳои ин рисоларо муайян кардааст ва ахбор, иттилооти нави таърихии ба таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони дар ин давр алоқамандро аз он дарёфт намуда, дар асоси баррасиҳои татбиқӣ бо маъхазҳои дигар дараҷаи дурустӣ, эътимоднокӣ ва саҳеҳии онҳоро муайян намуда, ба гардиши илмӣ ворид намудааст.

**Сохтори диссертатсия ва пайванду мураттибии мантиқӣ ва таркибии он.**

Диссертатсияи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич дар мавзуи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Руи Гонсалес Де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ" аз лиҳози сохтор, мундариҷа ва баёни мавзуъ аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар "**Муқаддима**"- и рисола муаллиф мубрам будани мавзуъ, дараҷаи омӯхта шудани он, мақсад, вазифа, ҳадафи пажӯҳиш, объект, предмет, ҳудуди хронологии таҳқиқот, заминаҳои сарчашмавӣ, методологии онро муайян ва мушаххас намуда, навоварӣ, арзиш, аҳамияти илмӣ, назариявӣ, маърифатӣ ва амалии рисоларо асоснок намудааст.

Боби аввали диссертатсия **"Сохтор ва мазмуни бобҳои рисолаи Руи Гонсалес Де Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)»"** аз се зербоб иборат аст.

Муаллиф дар зербоби аввал «**Маълумотҳо дар бораи муаллиф ва рисолаи ӯ «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)»** доир ба зиндагиномаи Клавихо маълумот додааст. Тибқи таъкиди муаллифи диссертатсия, доир ба зиндагиномаи муаллифи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» дар адабиёти мавҷуда қариб, ки маводҳои зарурӣ вуҷуд надоранд ва он маълумот ва иттилооте, ки дастраси муаллифи рисола гардидаанд, танҳо аз асари Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» гирифта шудаанд.

То замони мо аз қайдҳои сафари Клавихо, ки бо номи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» маълум аст,

танҳо ду нусхаи дастнавис расидааст, ки онҳо дар Китобхонаи миллии Мадрид нигоҳ дошта мешаванд ва дар асри асри XV нусхабардорӣ шудаанд. Сафарномаи Клавихо ба забонҳои испанӣ ва англисӣ нашр гардидаанд. Ин асар дар ибтидои нимаи дуюми асри XIX аз ҷониби И.И. Срезневский бо шарҳу тавзеҳот ба забони русӣ тарҷума гардидааст. Асари Клавихо бо забонҳои дигар низ ин асар борҳо тарҷума ва нашр шудааст. Муаллифи диссертатсия дар бораи тарҷума ва нашрҳои асари Клавихо маълумоти ботафсил овардааст.

Зербоби дуюми боби аввал **«Сохтор ва тавсифи мазмуни бобҳои «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)»** унвон гирифта, муаллифи диссертатсия ин рисоларо аз рӯи мазмун шартан ба 15 боб ҷудо намудааст.

Аз муҳтавои бобҳои ин асар маълум мешавад, ки дар он дар бораи лашкаркашиҳои Темур бар зидди туркҳои Усмонӣ, тасвири шаҳрҳо ва мавзеҳои нодиру муқаддаси онҳо, ташкили намоишномаҳои идона ба ифтихори сафирон, ба назди Темур ташриф овардани сафирон, тавсифу тасвири шаҳри Самарқанд ва амсоли он маълумот оварда шудаанд. Ҷолиби зикр аст, ки Клавихо ҳангоми тавсифи шаҳрҳои мухталиф ба канданиҳои фоиданок ва мавзеҳои ҷолиб таваҷӯҳи махсус зоҳир намудааст. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия, Клавихо ҳангоми инъикоси маводи таърихӣ, дар баъзе ҷойҳо доир ба ин ё он воқеа андешаҳои шахсии худро баён менамояд, ки онҳо дар муайян кардани ҷаҳонбинӣ ва назари ӯ нақши муҳим доранд.

Зербоби сеюми боби аввали рисола **«Маълумотҳои таърихӣ-ҷуғрофии Руи Гонсалес де Клавихо дар бораи шаҳрҳои Хуросон ва Мовароуннаҳр»** ном дошта, муаллиф доир ба шаҳрҳое, ки ҳангоми сафари худ ба Самарқанд аз онҳо дидан намуда буд, маълумот пурарзиш овардааст. Муаллифи диссертатсия ахбори Клавихоро бо маълумоти маъхазҳои дигар муқоиса карда, арзишу аҳамияти илмӣ, эътимоднокӣ ва саҳеҳии онҳоро муайян намудааст. Дар ин зербоб дар бораи шаҳрҳои зерини Хуросон: Табрез, Ҷочарм, Исфароин, Қазвин, Машҳад, Балх, Андхӯй, Зинҷон,

Шероз, Домғон, Дарбанд, Абевард ва Верамин маълумот оварда, шаҳрҳои Тирмиз, Бухоро, Кеш ва Самарқанди Мовароуннаҳрро тасвир намудааст.

Муаллифи диссертатсия менависад, ки муқоисаи ахбори Клавихо доир ба шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр бо маълумоти сарчашмаҳои хаттии дигар нишон медиҳад, ки ахбори Клавихо ба ҷузъ аз баъзе лаҳзаҳои алоҳида пурра ба далелҳои таърихӣ мувофиқат карда, онҳо боварибахшу дақиқ мебошанд ва қисмати зиёди маводи ҷуғрофии Клавихо, хусусан доир ба шаҳрҳои Кеш ва Самарқанд, дар дигар сарчашмаҳои хаттии асримиёнагӣ мушоҳида намешаванд, ки ин далелҳо арзиши рӯзномаи мазкурро ин дар омӯзиши таърих ва фарҳанги давраи тадқиқшаванда ба маротиб меафзояд.

Боби дуюми рисола **«Бозтоби баъзе ҳаводиси таърихии Хуросону Мовароуннаҳри нимаи дуюми асри XIV – ибтидои асри XV дар «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406-и Руи Гонсалес де Клавихо»** унвон дошта, аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал **«Ахбори шарҳиҳолӣ роҷеъ ба Темур ва баъзе аз намояндагони хонаводаи ӯ дар рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)»** унвон дошта, муаллифи рӯзнома, ки зимни сафари худ аз ашхоси гуногун дар бораи Темур шунида буд, гирд овардааст. Клавихо таъкид мекунад, ки Темур аз мардумони муқимии Кеш (яъне тоҷикон) нест ва аз қабилаҳои муғулист. Дар ин ҷо дар бораи падари Темур –Тарағай маълумот дода, қайд менамояд, ки ӯ аз хонадони ашрофи қабилаи чағатоӣ буда, сарватманд набуд. Муаллифи диссертатсия менависад, ки дар ин матлаби Клавихо ихтилоф ва иштибоҳ ба назар мерасад, зеро агар ӯ аз қабилаи ашрофи муғул бошад, пас бояд сарватманд бошад, зеро баъди ишғоли Мовароуннаҳр ашрофи низомии муғул ва пешвоёни қабилаҳои он бо дарназардошти мақоми иҷтимоияшон дар ҷомеаи муғулӣ соҳиби заминҳои зироатӣ ва шаҳрҳои ободи Мовароуннаҳр шуданд ва бидуни шубҳа албатта онҳо сарватманд буданд.

Муаллиф аз намояндагони хонадони Темурӣ бештар дар бораи писари Темур – Мироншоҳ маълумот меорад. Муллифи диссертатсия ба ин назар

аст, ки Клавихо шояд ба далели иттилои комил надоштан аз лашкаркашиҳо, харобкориҳо ва куштори мардуми бегуноҳи кишварҳои фатҳнамудаи Темур хеле кам менависад. Бояд хотиррасон намуд, ки дар маъхазҳои хаттии мавҷуда дар бораи айёми ҷавонии Темур то ба сари қудрат расидани ӯ дар соли 1370 усулан маълумоти зиёде вуҷуд надорад ва чунин маълумотро мо метавонем аз навиштаҳои Клавихо пайдо намоем ва ин далел бори дигар арзиш ва аҳамияти рӯзномаи сафари Клавихоро собит менамоянд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм «**Муқаррароти маросими пазироии сафирон ва базморой дар дарбори Темур бино ба ахбори «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)»** муаллиф таъкид мекунад. ки ахборе, ки Клавихо дар асараш дар бораи пазироии ҳайати испанӣ дар қаламрави давлати Темур дар тули сафараш ва дар Самарқанд дар дарбори ӯ баён мекунад, хеле муҳим буда, мо онҳоро дар маъхазҳои дигар пайдо карда наметавонем.

Муаллифи диссертатсия дар ин зербоб маълумоти Клавихоро дар бораи базмороиҳои Темур бо ахбори маъхазҳои дигар муқоиса намуда, саҳеҳияти онҳоро муайян менамояд. Аз навиштаҳои Клавихо бармеояд, ки ҳангоми пазироиҳо дар аксар шаҳрҳо, то ба расидан Самарқанд, илова бар ғизоҳое, ки асосан аз гӯшт иборат буд, ба ҳайат шароб низ медоданд. Клавихо менависад, шаробхӯрӣ дар меҳмондориҳои Темур ва ҳамсафонаш як одати маъмулӣ будааст.

Муаллифи диссертатсия пас аз таҳқиқи муқаррароти маросими пазироии сафирон дар қаламрави давлат ва базморой дар дарбори Темур ба хулоса меояд, ки Темур чун шахси фурсатталаб ба баҳонаи ғорати Ҳиндустон ҷанги муқаддас барои ислом - ғазавот эълон мекунад, аммо ба ҳангоми барпо намудани базму ҷашнҳо ёсои чингизиро ба шариати исломӣ тарҷеҳ медиҳад ва бо ҳамин симои воқеии худро ошкор месозад.

Зербоби сеюми боби дувум «**Муносиботи Темур бо ду рақиби сиёсиаш – Туқтамишхон ва Йилдирим Боязид тибқи ахбори Клавихо**» ном дошта, ду рақиби Темур – Туқтамишхон (1342-1406) ва Йилдирим Боязид аз рӯи

ахбори Клавихо ва манобеи дигари таърихии ин давр мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Клавихо дар асари худ дар бораи Туқтамишхон, ки яке аз хонҳои бонуфузи Урдаи Тиллоӣ буда, вобаста ба вазъияти пешомада бо Темур муносибат мекард, маълумот дода, доир ба ҷанги Темур бо Туқтамишхон дар соҳили дарёи Терек зимистони соли 1395 ба таври муфассал таваққуф менамояд. Аз гуфтаи муаллифи диссертатсия бармеояд, ки Туқтамишхон аз Темур намеҳаросид ва доим бо ӯ дар ҷидол буд. Туқтамишхон ба назари таҳқиру ҳақорат ба Темур менигарист ва ӯро ҳеҷ сазовори ҳукумат намедонист.

Клавихо аз рақиби дигари Темур – султони Усмонӣ Йилдирим Боязиди I (1389-1402) сухан ронда, дар бораи набарди султон Боязид бо Темур нақл мекунад ва таъкид менамояд, ки шикасти Боязид аз Темур боиси ба Самарқанд фиристодани ҳайати испанӣ гашта буд.

Дар қисмати хотимавии диссертатсия муаллиф натиҷаи таҳқиқу омӯзиш, таҳлил, мушоҳида, хулосаҳои худро дар 27 банд ва тавсияҳояшро дар 5 банд ботафсил, амиқ ва мушаххас ҷамъбаст намудааст.

**Тавсияҳо дар хусуси истифодаи натиҷаву хулосаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳои таҳқиқиқоти Ш.М. Ҷонмуродовро ҳангоми навиштани таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик, ба хусус охири асри XIV ва оғози асри XV, истифода бурдан мумкин аст. Инчунин хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия барои таҳияи маводи курсҳои махсус дар факултетҳои илмҳои инсонӣ ва иҷтимоии донишкадаву донишгоҳҳои Тоҷикистон муфид мебошанд. Маводи диссертатсия низ метавонад ҳангоми таҳияи курси лексияи “Таърихи халқи тоҷик”, навиштани дастурҳои методӣ аз фанни “Манбаъшиносӣ”, навиштани гузоришҳои илмӣ ва корҳои дипломӣ дар факултетҳои таърих мавриди истифода қарор гирад.

Дар рафти баррасӣ, таҳлил ва натиҷагирӣ муайян гардид, ки сохтор ва мазмуни асосии диссертатсияи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муқараршуда нисбат ба таълифи диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, комилан ҷавобгӯи

он мебошад. Автореферат мазмуни фишурдаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Натиҷагириҳои асосии илмии рисолаи Ҷонмуродов Ш.М. дар як монография ва ёздаҳ мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла панҷ мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба нашр расидаанд.

Дар баробари комёбиҳо рисолаи Ҷонмуродов Ш.М. аз баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо холӣ нест ва таваҷҷуҳи муаллифро ба чанде аз онҳо ҷалб менамоем:

1. Дар рисола аз маводи маъхазҳои "Ҳудуду-л-олам", "Ал-Булдон"-и Яъқубӣ, "Ҷомеъу-т-таворих"-и Рашидуддини Фазлуллоҳ, "Баҳру-л-асрор фӣ маноқиби-л-ахёр"-и Маҳмуд ибни Валӣ ва "Ҳафт иқлим"-и Амин Аҳмади Розӣ истифода бурда шудааст, вале дар қисмати "Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот" дар бораи онҳо маълумот оварда нашудааст.
2. Аз асарҳои муаллифони аврупоӣ оид ба мавзуи мавриди таҳқиқ, ки солҳои охир нашр шудаанд, ба қадри кифоя истифода нашудааст.
3. Беҳтар мебуд, ки номгӯи маъхазҳои ба забонҳои форсиву арабӣ таълифёфта бо ҳуруфи арабиасос навишта мешуданд.
4. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ, чопӣ, имлоию услубӣ ба назар мерасанд.

Аммо, камбудиҳои зикршуда хислати усулӣ (принсипиалӣ) надоранд, онҳо ислоҳшаванда буда, арзишу аҳамияти илмии рисоларо коста намесозанд. Муаллифи рисола ҳуқуқи баён кардани фикру ақида ва мавқеи шахсии худро дорад.

Тамоми мақсад, вазифа ва ҳадафе, ки муҳаққиқ дар назди худ гузоштааст, ба пуррагӣ ҳаллу фасл гардидаанд ва рисолаи Ҷонмуродов Ш.М. таҳқиқоти нав, асил ва мантиқан ба анҷомрасида мебошад.

**Хулоса дар бораи мутобиқ будани диссертатсия ба талаботи КОА.**

Диссертатсияи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич дар мавзӯи **«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406-и**

**Руи Гонсалес Де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ”**, ки барои тақризи муассисаи тақриздиҳанда пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии арзишманд буда, унвонҷӯ бо хулосабарориҳо ва тавсияҳои пешниҳодкардаи илмии худ аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда ба хубӣ баромадааст.

Диссертатсия тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вероиш ба талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда аст.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласа 30 нафар ширкат намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

**Тарафдор** – 30 нафар

**Муқобил** - нест

**Бетараф** - нест

Суратҷаласаи № 3 аз 28 октябри соли 2022

**Раисикунанда: мудири кафедраи**
**таърихи халқи тоҷики**
**факултети таърих ва ҳуқуқи**
**Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик Б. Ғ. Ғафуров,**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** **Маҳмудова Н.С.**

**Ташхисгарон: доктори илмҳои таърих,**
**профессори кафедраи таърихи**
**халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик Б. Ғ. Ғафуров** **Давлатов М.**

**Номзади илмҳои таърих, дотсенти**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик Б. Ғ. Ғафуров** **Шарипов Ш.**

**Котиби ҷаласа: коргузори кафедраи таърихи**
**Халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик Б. Ғ. Ғафуров** **Маҳмудова Г.**

Имзои мудири кафедра, н.и.т., дотсент Маҳмудова Н.С., профессор Давлатов М., дотсент Шарипов Ш., ва коргузор Маҳмудова Г-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДХ ба**
**номи академик Б. Ғафуров** **Наврӯзов Э.М.**


**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
Тел.: 6-52-73; 6-47-39;
Факс: 6-75-18; E-mail: rector@hgu.tj